# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2018

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2018 дар маҷмуъ 79 ташкилоти қарзӣ, 19 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ, 16 ташкилоти ломбардӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё), Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фонди дастгирии соҳибкорӣ) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият менамоянд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар ҷамъбасти соли 2018 дар маҷмуъ ба 21 986 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли гузашта ба маблағи 353 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Зиёд шудани дороиҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар давраи ҳисоботӣ, ба афзоиши дороиҳои низоми молиявӣ мусоидат намуд. Нишондиҳандаи дороиҳо нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 31,9 фоиз баробар гардид.

Аз дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар 96,4 фоиз ба низоми бонкӣ рост омада, танҳо 3,5 фоизи онро дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (1,7 фоиз), ташкилотҳои лизингӣ (0,8 фоиз) ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ (1,0 фоиз) ташкил медиҳанд.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 31.12.2017 | | | 31.12.2018 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Шумора** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Шумора** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Афзоиши дороиҳо (%)** |
| **Ташкилотҳои қарзӣ** | **84** | **20 932** | **97,9** | **79** | **21 201** | **95,9** | **1,3** |
| ***Бонкҳо*** | ***17*** | ***18 237*** | ***85,3*** | ***17*** | ***18 070*** | ***81,7*** | ***-0,9*** |
| *Бонкҳои давлатӣ** | *3* | *9 568* | *44,8* | *3* | *9 595* | *43,4* | *0,3* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *6* | *1 986* | *9,3* | *6* | *2 146* | *9,7* | *8,0* |
| *Бонкҳои дигар* | *8* | *6 682* | *31,3* | *8* | *6329* | *28,6* | *-5,3* |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | **67** | **2 696** | **12,6** | **62** | **3 131** | **14,2** | **16,2** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *27* | *2 285* | *10,7* | *25* | *2 655* | *12,0* | *16,2* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *7* | *169* | *0,8* | *6* | *189* | *0,9* | *11,7* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *33* | *242* | *1,1* | *31* | *288* | *1,3* | *18,9* |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **22** | **295** | 1,4 | **19** | **372** | 1,7 | **26,0** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **7** | **186** | 0,9 | **6** | **185** | 0,8 | **-0,7** |
| **Ташкилотҳои ломбардӣ** | **16** | | | **16** | | | |
| **Биржаҳои фондӣ** | **1** | | | **2** | | | |
| **Фонди дастгирии соҳибкорӣ** | **1** | **219** | 1,0 | **1** | **229** | 1,0 | **4,6** |
| **АСИН** | **1** | | | **1** | | | |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***132*** | ***21 633*** | | ***124*** | ***21 987*** | | ***1,6*** |

**3 адад бо иштироки сармояи давлатӣ*

Низоми бонкии кишвар ба ду гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ тақсим шуда, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурдро (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) дар бар мегирад. Дар соли 2018 дороиҳои низоми бонкӣ ба 21 201 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 1,3 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2018 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 332 филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ, 1 336 марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва 9 нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ ба аҳолӣ хизмат расониданд. Илова бар ин, дар ҷамъбасти соли 2018 шумораи суратҳисобҳои бонкии барои муштариён кушодашуда, 3 517,3 ҳазор ададро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 8,9 фоиз зиёд мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, вобаста ба зиёд шудани маблағи мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ва сармояи баъзе аз ташкилотҳои суғуртавӣ, ба маблағи 77 млн. сомонӣ ё 26,0 фоиз афзуда, ба 372 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра 19 адад ташкилотҳои суғуртавӣ бо 78 филиалҳояшон хизматрасониҳои суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дар баробари ин, дар моҳҳои январ – декабри соли 2018 ташкилотҳои суғуртавӣ бо муштариёни худ 1 836,1 ҳазор адад шартнома аз рӯи намудҳои гуногуни суғурта ба имзо расониданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 33,7 ҳазор адад зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ 229 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 4,6 фоиз зиёд мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар соли 2018 ба 185 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 0,7 фоиз кам мебошад.

Ҳангоми мушаххас гардидан, маълумоти зарурӣ аз рӯи фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН низ илова карда мешавад.